**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Муминзода Орифҷони Сафо дар мавзуи «Проблемаҳои танзими суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи наклиёти автомобилӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.03 - ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст**

Мавзуи диссертатсияи Муминзода Орифҷони Сафо ба яке аз мушкилоти мубрами назария ва амалияи ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи наклиёт бахшида шудааст. Унвонҷӯ мавзуро дар сатҳи баланди илмӣ таҳлил намуда, натиҷаҳои бадастовардааш барои рушд ва такмили қонунгузории соҳа ва низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ хеле судманд мебошанд. Таҳқиқоти мазкур имкон медиҳад, ки ин ақидаҳо ва хулосаҳои илмӣ бори дигар, бо дарназардошти инкишофи қонунгузории суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи наклиёти автомобилӣ таҳлил карда шуда, оид ба паҳлуҳои гуногуни танзими ҳуқуқии ин масъала мавқеи муаллиф муайян карда шудааст. Дар рисолаи мазкур мафҳумҳои нави илмӣ, пешниҳоду тавсияҳо бобати такмил додани қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиккунӣ дар соҳаи мазкур пешниҳод гардидааст.

Бартарияти дигари таҳқиқоти анҷомдодашуда дар он аст, ки он на танҳо бо таҳлилҳои назариявӣ ва илмии мавҷуда, балки таҷриба ва дастовардҳои амалия, махсусан амалияи судӣ такя менамояд. Таҳлилҳои амиқи илмӣ, асосноксозии нуктаҳои илмӣ бо ғояву афкори олимони варзидаи ватанӣ ва хориҷӣ, такя ба амалияи судӣ ва ғайра имконият додаанд, ки мавзӯи таҳқиқот хуб анҷом дода шавад. Илова бар ин, то имрӯз масъалаи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлили амиқи илмӣ қарор нагирифтааст.

Онҳо сатҳи кофии навгонии илмӣ дошта, аз саҳми муаллиф дар таҳқиқи танзими суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи наклиёти автомобилӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон далолат мекунанд. Бар замми ин, дар бобҳо ва зербобҳои диссертатсия ақидаҳо ва хулосаҳои муаллиф пешниҳод карда мешаванд. Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии онҳо дар хулосаи диссертатсия ифодаи худро ёфтаанд.

Бояд қайд намуд, ки барои ноил шудан ба мақсади гузоштшуда унвонҷӯ вазифаҳои зеринро дар назди худ гузоштааст:

- муайян намудани заминаҳои таърихии рушди танзими ҳуқуқии суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи

наклиёти автомобилӣ дар марҳилаҳои гуногун ва таҳлили манбаъҳои танзимкунандаи масъалаи мазкур;

- коркарди мафҳум ва хусусиятҳои суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи наклиёти автомобилӣ;
- таҳқиқи ҷанбаҳои ҳуқуқи граждании шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи наклиёти автомобилӣ ва табиати ҳуқуқии он;
- таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи наклиёти автомобилӣ;
- мушаххас гардонидани ҳуқуқу уҳдадории тарафҳои шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи наклиёти автомобилӣ ва баррасии ваъзи ҳуқуқии онҳо;
- баррасии масъалаҳои ҳуқуқии пардохти суғуртавӣ, мукофоти суғуртавӣ, мӯҳлат ва дигар хусусиятҳои хоси шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи наклиёти автомобилӣ;
- таҳлили асосҳои қатъ гардидани шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи наклиёти автомобилӣ мувофиқи қонунгузорӣ ва пешниҳоди тавсияҳои мушаххас оид ба танзими ҳуқуқии он;
- таҳияи пешниҳоду тавсияҳо бобати такмил додани қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дар соҳаи мазкур.

**Объекти таҳқиқотро** муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки фарогири масъалаҳои муҳимми танзими ҳуқуқии суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи наклиёти автомобилӣ мебошанд.

**Предмети таҳқиқотиро** андешаву назари олимон оид ба танзими ҳуқуқии суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи наклиёти автомобилӣ, муқаррароти қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ дар ин соҳа ташкил медиҳад.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажуҳиши мукаммали илмӣ оид ба проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи наклиёти автомобилӣ дар ҶТ ба ҳисоб меравад. Дар диссертатсия тамоми паҳлуҳои танзими ҳуқуқи граждании суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи наклиёти автомобилӣ таҳқиқ шудааст. Чунончи, муаллиф маҷмуи масъалаҳои зеринро баррасӣ кардааст, ки дар илми ҳуқуқшиносии муосир навгонӣ маҳсуб меёбанд:

1) инкишоф ва рушди танзими ҳуқуқи граждании суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи наклиёти автомобилӣ дар давраҳои муайяни таърихӣ ва дар замони муосир мавриди омӯзиш қарор гирифтааст;

2) мафҳум ва мазмуну моҳияти суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шудааст;

3) хусусиятҳои хоси шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ асоснок гардидааст;

4) ҳуқуқу уҳдадорӣ ва ваъзи ҳуқуқии тарафҳои шартнома муайян карда шудааст;

5) ҷавобгарии ҳуқуқи граждании тарафҳои шартнома таҳлил гардида, ҳолатҳо ва асосҳое, ки сабаби қатъ гардидани шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ мегарданд, асоснок карда шудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар диссертатсия усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Аз ҷумла, усулҳои умумиилмӣ, диалектикӣ, функсионалӣ, таҳлили низомнок, пешгӯии илмӣ ва усулҳои мантиқии мушоҳида, таҳлил ва синтез дар таҳқиқоти мазкур истифода шудаанд. Аз усулҳои махсуси илмӣ бошад, усули шаклӣ-мантиқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ бештар ба кор бурда шудаанд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** корҳои илмӣ-назариявии олимони ватанӣ ва хориҷӣ ташкил медиҳанд, ки дар онҳо ҷанбаҳои гуногуни суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар таҳияи рисола муаллиф ба осори Ш.М. Исмоилов, Ш.К. Ғаюров, М.З. Раҳимзода, Ф.С. Сулаймонов, И.Ҳ. Бобоҷонзода, Ҷ.С. Муртазозода, А.В. Золотухин, Ш. Каримзода, А.Д. Ғафурзода, Қ.Б. Қурбонов, М.А. Қодиров, Д.Г. Хоҷамуродов, Н. Шаропов, А., В.И. Серебровский, В.К. Райхер, В.Р. Иделисон, С.А. Рибников ва масъалаҳои махсуси суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ бошад, дар сатҳи диссертатсия аз тарафи К.Д. Ишо, Н.М. Копилкова, А.М. Лавров, Н.В. Логвина, И.Ю. Матвеева , Т.М. Рассолова, А.А. Собчак , А.А. Субботин, Л.И. Рейтман ва дигарон такя намудааст.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқот** дар он аст, ки маводи ин рисола фаҳмишҳои илмиро оид ба суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ мукаммал гардонида, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма баромад менамоянд. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур имкон медиҳанд, ки роҳҳои ташаккули суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ, мафҳум, моҳият ва мавқеи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ дар низоми суғурта муайян карда шуда, механизми суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ амиқ карда шаванд.

Нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву таҷдиди қонунгузории соҳаи

ҳуқуқи граждании,омодасозии стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, рушди василаҳои (механизмҳои) суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ, таълим дар соҳаи ҳуқуқи гражданӣ саҳмгузор бошанд. Инчунин, натиҷаҳои рисоларо метавон дар таълими фанҳои «Ҳуқуқи гражданӣ», «Ҳуқуқи нақлиёт», «Ҳуқуқи суғурта», ва ғ., ҳангоми навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, рисолаҳои магистрӣ ва рефератҳо истифода бурд.

Рисола аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ карда мешавад. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии Муминзода Орифҷони Сафо дар мавзуи «Проблемаҳои танзими суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.03 - ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи
граждании факултаи ҳуқуқшиносии ДМТ Қурбонов Қ.Б.

Суроға: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, м. Буни Ҳисорак
Тел.: (+992) 918560707

Имзои Д.С. Раҳмонро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«____» ____________ 2022 с.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ